# ҚАРОРИ
## шурои диссертатсионии 6D.KOA-088-и назди Донишгоҳи давлатии Данғара

**аз 22.08.2026** **н. Данғара**

Суханронии Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода дар мавзуи «Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ, тақризи муассисаи пешбар – **Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»**, суханронии муқарризони расмӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигрии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода **Олимӣ Хосият Ҳоким**, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Собирзода Ҳамза Юсуф**, муқарризони ғайрирасмӣ – докторони илмҳои филологӣ Асозода Ҳотам Раҷаб, Кабиров Шаҳбозбек, Ғафорзода Шоҳрух Ҳабибулло, ва Саидҷаъфаров Озод Шовалиевич-ро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода дар мавзуи «Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводди илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои филологӣ ба Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 11 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор — Саидҷаъфаров О.Ш.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ — Шаробова М.Қ.

22.08.2026.